**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисод, профессор Низамова Тӯҳфамо Давлатовна ба рисолаи диссертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04. - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

Давлатова Розиямо Қамбаровна дар соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуд. Дар давоми таҳсил ӯ худро ҳамчун мутахассиси варзида ва босавод нишон дод. Ба сифати мавзуи диссертатсия мавзуи мубрам "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ" (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) интихоб гардид.

Дар давоми таҳсил унвонҷӯ Давлатова Р.Қ. масъалаҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатиро таҳқиқ карда, омилҳои ба ин ҷараён таъсиррасонро муайян намуда, инчунин таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудааст. Ғайр аз ин, унвонҷӯ рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро арзёбӣ намуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабукро таҳлил карда, инчунин самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст.

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва комёб шудан ба мақсади таҳқиқот дар натиҷаи истифодаи босаводонаи усулҳои илмӣ ва донишҳо дар асоси услубҳои таҳқиқот, доираи васеи манбаъҳои иттилоотии истифодашаванда мусоидат намуд.

Унвонҷӯ Давлатова Р.Қ. дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ бомуваффақият супоридааст. Доир ба мавуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва нашр карда шуданд. Унвонҷӯ дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намудааст ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ ба сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04. - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат менамояд: 1.Асосҳои назариявию

методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноат ва энергетика; 19. Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва тавсеаи сиёсати номгӯии корхонаҳои саноатӣ.

Унвонҷӯ Давлатова Р.Қ.-ро ҳамчун шахси донишманд, масъулятшинос, кордон тавсиф намуда, гуфтан мумкин аст, ки ӯ метавонад мустақилона қарорҳоро қабул намуда, қобилияти расидан ба мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо доро мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда рисолаи дисертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи “Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ” (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, дорои натиҷаҳои илмӣ, навоварӣ, аҳамияти амалӣ мебошад ва хулоса ва пешниҳодҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, навгониҳои назариявию методӣ, инчунин аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамоянд.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Давлатова Р.Қ. тадқиқоти илмии мустақилона буда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад ва инчунин, кори илмии ба итмомрасида аст, ки саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм инъикос менамояд. Тадқиқоти диссертатсионӣ бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ,
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Имзои профессор Низамова Тӯҳфамо Давлатовнаро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Э.Ш.Тавқиев

08.11.22